ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи доктори фалсафа (Ph.D) Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло дар мавзуи «“Шеъри нав” ва таҳаввули анъанаи манзумасароӣ (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёваши Касроӣ, Сухроб Сипеҳрӣ ва Аскар Ҳаким)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020900 – Шарқшиносӣ (6D020902 - Адабиёти форс)

Адабиёти форсӣ-тоҷикӣ таърихи ҳазорсола дошта, фарогири адвори мухталиф аст ва ҳар як давра вобаста ба авзои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангиву ҳунарӣ дорои вижагиҳои хос аст. Барои кулли муҳаққиқин равшан аст, ки рочеъ ба адвори мухталифи адабиёти форсии тоҷикӣ дар имтидоди таърих, махсусан гурӯҳбандиву муқоисаи осори форсии тоҷикӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, бавижа дар Эрон китобҳову осори арзишманде таълиф ёфтааст, ки намунаи комили онҳо дар диссертатсияи мавриди назар истифода шуда ва аз онҳо дар ин диссертатсия ёд шудааст. Бояд гуфт, ки мавзуи мавриди назар ба яке аз масоили мубрами риштаи адабиётшиносии форсии тоҷикӣ, яъне шинохти шеъри нави форсии тоҷикӣ дар замони муосир мебошад ва он фарогири муҳимтарин вижагиҳои шеъри муосири Эрон ва муқоисаи бархе аз маснавиҳои шоирони бузурги адабиёти муосири Эрон ва Тоҷикистон аст.

Воқеан, таҳқиқу баррасии мавзуи мазкур муҳиму дархӯри таваҷҷуҳ буда, дар адабиётшиносии муосири форсии тоҷикӣ нақши калидиро ифо мекунад. Маҳзи хотири ин, аз сӯйи диссертант мавриди таҳқиқи густурдаи илмӣ карор гирифтани манзумаҳои шоирони бузурги эронӣ ва тоҷик, иқдоми шоиста ва кобили таҳсин аст. Дар ин замина, ба муаллиф муяссар шуда, то аз равишҳои маъмули муосир истифода ва дунёи ҷадидеро дар таҳқиқоти хеш биофарад.

Тибқи автореферат, диссертатсияи мавриди назар, дорои муқаддима, се боб, хулоса ё натиҷа ва феҳрасти адабиёт буда, дар маҷмуъ 193 сафиҳаи чопиро дарбар мегирад.

Муаллиф дар мукаддимаи диссертатсияи мазкур рочеъ ба мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дарачаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқ ва дигар масоили муртабит ба диссертатсия илмиаш маълумот дода ва атрофи сохтори рисола низ таъкид варзидааст.

Тавре ишора рафт, диссертатсияи Абдусаломзода А. аз се боб иборат буда, дар онҳо мавзуоти зерин: «Нимо ва таҳаввули шеъри нави форсӣ», «Нигоҳе ба манзумаҳои пайравони мактаби Нимо» ва «Мактаби ҳунарии Нимо ва шеъри муосири тоҷик» мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтаанд, ки ҳар кадом дорои зермавзуоти алоҳида мебошанд.

Аз таҳқиқоту баррасии мавзуоти мазкур бармеояд, ки муаллифи рисола ба умки масъала ворид шуда, кори хешро бо маҳорати воло ичро кардааст.

Дар хулосаи диссертатсия мавриди дифоъ бошад, рочеъ ба тамоми бахшҳои поённома ва муҳимгарин масоили таҳқиқёфта дар он, маълумот дода, бо овардани далелҳову мушаххасот ин бахшро муваффақона анҷом додааст.

Мавриди таъкид аст, ки поённомаи мавриди назар, ба таври комил анҷомёфта буда, дорои вижагиҳои ба худ хос аст ва метавонад дар рушди адабиётшиносӣ, махсусан шеъри муосири форсии тоҷикӣ хеле муҳим бошад ва ҳамчунин барои мутахассисон ва пажӯҳишгарону донишомӯзони риштаи забон ва адабиёт хеле муфид бошад.

Дар баробари дастовардҳои сершумор, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Аз он ҷумла:

1. Дар автореферати диссертатсияи мазкур баъзан такрори фикру андешаҳо ба назар мерасанд ва хуб мешуд бо як ишора иктифо кард.

2. Тарҷумаи русии автореферати диссертатсия бо забони хуби илмӣ сурат гирифтааст, вале дар рафти тарҷумаи номи бархе аз китобхову асарҳо аз форсӣ ба русӣ духӯрагӣ дида мешавад. Масалан: маснавиҳои зерин: “Мухраи сурх” дар тарҷумаи русии автореферат ба шакли (“Красный бусы”) ва (“Красный бисер”) ва “Садойи пойи об” дар тарҷумаи русӣ ба шакли (“Звуки у подножая воды”) ва (“Шуршаные воды”) омадааст.

Дар умум метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Абдусаломзода Абдумалик дар мавзӯи **«“Шеъри нав” ва таҳаввули анъанаи манзумасароӣ (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Снёваши Касроӣ, Сухроб Сипеҳрӣ ва Аскар Ҳаким)»** таҳқикоти комили илмӣ буда, ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муаллифи диссертатсияи мазкур барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020900 – Шаркшиносӣ (6D020902 - Адабиёти форс) сазовор мебошад.

Сардори шуъбаи котиботи
Муассисаи давлатии
“Китобхонаи миллӣ”-и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон н.и.ф., Ҳадиятуллохи Амриддин

Сана:19.12.2022.
Сурога: ш. Душанбе, н. Сино,
кӯчаи Нахимова 64/7 х.36
(+992)918268083. muhsin2704@mail.ru

Имзои Ҳадиятуллохи Амриддинро тасдиқ мекунам:
Мудири бахши ҳукук ва кадрҳои
Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Исломов Амриддин